# НАМУНАИ

## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни забон ва адабиёти тоҷик
## барои олимпиадаи фаннии
## хонандагони муассисаҳои
## таҳсилоти миёнаи умумӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj
РОЙГОН!

**1** **Дар кадом гурӯҳи калимаҳо ҳодисаи фонетикии табдили овоз ба назар мерасад?**

A) қулф – қуфл, маҳсӣ – масхӣ
B) гуҳар – гавҳар, рӯшан – равшан
C) сунбул – сумбул, танбӯр – тамбӯр
D) баландтар – баландтар, пасттар – пастар

**2** **Ҳаммаъноии калимаи *таманно* кадом аст?**

A) азм, ният, талаб
B) орзу, умед, хоҳиш
C) таваллоо, илтиҷо, супориш
D) дастовард, комёбӣ, муваффақият

**3** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

*"Охир мардумон ҳар як сухани Ҳаким Фирдавсиро ҳамчун панду ҳикмати гаронбаҳо ... ."* **(С. Улуғзода)**

A) ба дил мегиранд
B) ба хотир мерасанд
C) аз дил мегузаронанд
D) ба лавҳи хотир менависанд

**4** **Услуби матни зеринро муайян намоед:** ***"Эраҷи софдил, накукор, хайрандеш он қадар ба дили шоир нишаста ва он қадар барояш азиз гаштааст, ки вай аз кушта шудани ӯ ба даҳшат меояд, мисли ин ки хуни фарзанди худашро мерехта бошанд."*** **(С. Улуғзода)**

A) илмӣ
B) бадеӣ
C) расмӣ
D) рӯзноманигорӣ

**5** **Дар ҷумлаи** ***"Эраҷи софдил, накукор, хайрандеш он қадар ба дили шоир нишаста ва он қадар барояш азиз гаштааст,..."*** **вожаҳои** ***софдил, накукор, хайрандеш*** **чӣ гуна калимаҳоянд?**

A) исмҳои мураккаби тобеъ
B) исмҳои мураккаби пайваст
C) сифатҳои мураккаби тобеъ
D) сифатҳои мураккаби пайваст

**6** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта зарфи *тарзи амал*ро гузоред:**

***"Шоир аз қиёфаи шайх ба нохушнудии ниҳонии ӯ пай бурда, ҳарчи ... гуфт:"*** **(С. Улуғзода)**

A) ногаҳон
B) оромтар
C) батафсил
D) хоксорона

**7** **Дар байти зерин ибораи ҳамроҳиро нишон диҳед:**

*Бечора дилам ба тавба кӯшид,*
*Ишқ омаду бехи тавба барканд.* **(Аҳмади Ҷомӣ)**

A) бехи тавба
B) бечора дил
C) ба тавба кӯшид
D) тавба(ро) барканд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**8** **Ҷумлаи пайрави дуюми мувофиқро гузоред:** ***“Азму ҷазми он дошт, ки ҷаҳони Аҷами кайҳо фавтидаро зинда гардонад ва ҳам забони модариашро чунон қуввату пояндагӣ бахшад, ки ~~~~~~~~~~~~~~~.”*** (С.Улуғзода)

A) шоҳ фармуда буд

B) муассир ва омӯзанда бароянд

C) то абад ҳеҷ як қувваи беруна ба вай футур расонида натавонад

D) пас аз тарҷума шудан ба форсии нав “Шоҳнома” ном гирифта буд

**9** **Ғалабаи Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ (867-879) дар ҷанги Ҳирот чӣ паёмаде дошт?**

A) Шеър дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ ривоҷ пайдо кард.

B) Марҳалаи адабиёти арабизабони тоҷик оғоз гардид.

C) Муҳаммад ибни Васиф аввалин қасидаи форсиро гуфт.

D) Адибон ба тарҷумаи осори манзуму мансури форсии миёна ба забони арабӣ рӯй оварданд.

**10** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст:**

***Нуктае, к-он ҷаст ногаҳ аз забон,***
***Ҳамчу тире дон, ки он ҷаст аз камон.?*** **(Ҷалолуддини Балхӣ)**

A) ташхис B) таҷнис C) ташбеҳ D) тавсиф

**11** **Гуфтаҳои зерин дар хусуси кадом асари Зиёуддини Нахшабӣ аст:**

*"Асари насрӣ буда, мавзӯи баҳси он узвҳои бадани инсон аст. Аз 40 боб иборат аст ва ҳар боб ба узве аз бадани инсон бахшида шудааст ва нависанда дардҳо, доруҳои табобатии он узвро баён кардааст. Аз ин нигоҳ асар аҳамияти тиббӣ дорад.”?*

A) “Гулрез”

B) “Силк-ус-сулук”

C) “Насоих-ул-мавоиз”

D) “Ҷузъиёт ва куллиёт”

**12** **Давоми мантиқии мисраи зеринро муайян кунед:**

***Дунболи қадфарохта тифлони бегуноҳ ... (Абдурраҳмони Ҷомӣ)***

A) Мӯйи сапед дар пайи зулфи сияҳ марав.

B) З-ин беш дар назораи мӯйи сияҳ марав.

C) Бо қомати хамида зи бори гунаҳ марав.

D) Пеши бутони ростқади каҷкулаҳ марав.

**13** **Кадом зарбулмасал ё мақол бар шарҳи байти зерини Саъдии Шерозӣ меояд:**

***Забон бурида ба кунҷе нишаста суммун букм,***
***Беҳ аз касе, ки набошад забонаш андар ҳукм.?***

A) Барнаёяд зи куштагон овоз.

B) Ба сухан кор карда намешавад.

C) Забони сурх сари сабз медиҳад барбод.

D) Забон хамӯш, валекин даҳон пур аз арабист.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**14** **Устод Садриддин Айнӣ дар байтҳои зерин дар бораи кадом фоҷиа сухан мекунад?**

*Дӯстон! Фоҷиаи сахт биёмад ба сарам,*
*Рафт аз ин фаҷиа рӯҳ аз тану нур аз басарам.*
*Хабаре омаду рафт аз дилу ҷон тоқату ҳуш,*
*Баъд аз ин кай шавад аз ҳушу дилу ҷон хабарам?!*

**A)** бар асари бемории вабо дар байни чиҳил рӯз вафот кардани падару модараш

**B)** ба гумони ҳамдастӣ бо ҷавонбухориён 75 чӯб зада ба зиндон партофтани адиб

**C)** баъд аз ҳодисаи Колесов бо фармони амир ба қатл расидани бародараш Ҳоҷӣ Сироҷиддин

**D)** “душмани халқ” эълон шудан ва аз рӯйхати китобхонаҳо баровардани асарҳояш

**15** **Сотим Улуғзода дар ҷумлаи “*... Наниманча аз ҷумлаи духтароне буд, ки мақоли “Даст расону ба бало мон” дар ҳаққи онҳо гуфта шудааст.*” кадом сифат ва хислати Наниманчаро (дар повести “Ривояти суғдӣ”) тасвир намудааст?**

**A)** Ӯ гарчи ба чеҳра зебо набуд, лекин дилкаш буд, аз ин рӯ ҷавонон ба вай дил мебастанд.

**B)** Ӯ шаттоҳ буд ва бо забони тундаш ба як гап ду гап мегардонд ва ба кулӯхандоз санг меандохт.

**C)** Ӯ духтари ҷасуру чолок буд, дар ҷашнҳо бо ҷавонон мубориза намуда, аксаран ғолиб мебаромад.

**D)** Ӯ боғайрат ва меҳнатдӯст буд, азбаски дар хона бо модари пираш мезист, тамоми корҳои хонаро иҷро мекард.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

## ЛУҒАТ

Ҳаммаъно ё шарҳи калимаҳои ишорашударо нависед:

| №<br>т/р | Матн | Ҳаммаъноии калима<br>ё шарҳи он |
|---|---|---|
| 1 | Яке ҳоҷат астам ба наздики шоҳ<br>В-агарчи маро нест ин **пойгоҳ**.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | |
| 2 | Ситамгаронро чун ҷойгоҳ чунин бошад,<br>Ситамгарӣ накунад мардуми **лабиб**у фаҳим.<br>Сӯзании Самарқандӣ | |
| 3 | То расиданд ҳар ду **дӯшодӯш**,<br>Дар биёбоне аз бухор ба ҷӯш.<br>Низомии Ганҷавӣ | |
| 4 | **Лок** каждум ба пушти хеш гирифт,<br>Баъд аз он роҳи баҳр пеш гирифт.<br>Саноии Ғазнавӣ | |
| 5 | Ҳаким мурғро пора кард ва ба **шараҳ**е тамом бихӯрд ва дигарро ҳамчунон ба кор бурд.<br>Муҳаммад Авфии Бухороӣ | |
| 6 | Шаҳ ба ҷойи **ҳоҷиб**он вопеш рафт,<br>Пеши он меҳмони ғайби хеш рафт.<br>Ҷалолуддини Балхӣ | |
| 7 | Эй соҳиби каромат, шукронаи саломат,<br>Рӯзе **тафаққуд**е кун дарвеши бенаворо.<br>Ҳофизи Шерозӣ | |
| 8 | Дастбӯси дӯст меҳоҳӣ, бишӯ даст аз ду **кавн**,<br>Дасти олуда нашояд марҳабои дӯстро.<br>Камоли Хуҷандӣ | |
| 9 | Расми муҳташамон ду гуна аст. Баъзе нахуст косаи хеш фармоянд ниҳодан ва он гоҳ аз они дигарон. Ва баъзе нахуст косаи дигарон ниҳанд ва он гоҳ аз они хеш. Ва ин тариқи **карам** аст ва он тариқи сиёсат.<br>Унсурулмаолии Кайковус | |
| 10 | Рафтем аз диёри ту бо дидаи пуроб,<br>Чун зулфи ту **мушаввашу** чун ҷисми ту хароб.<br>Носири Бухороӣ | |

Дарсномаи www.ntc.tj
РОЙГОН!